# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 дар назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Чилаев Раҳмоналӣ Собирович дар мавзуи “Сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон: равандҳо ва омилҳои татбиқи он”, ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 5.6.2. - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) пешниҳод шудааст**

Мавзуи диссертатсионии Чилаев Раҳмоналӣ Собирович, ки ба таҳқиқи сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, дар шароити кунунии ҷумҳурӣ мубрам ба ҳисоб меравад. Дар ҷомеаи муосир ҳаёти инсонро бе истифодаи қувваи барқ тасавур кардан ғайриимкон асм. Захираҳои энергетикӣ яке аз кисматҳои муҳимтарини сиёсати миллӣ ба шумор меравад, чунки он истеҳсол, коркард, интиқол ва истифодаи шаклҳои мухталифи энергияро дар бар мегирад.

Вазъи сиёсӣ ва иқтисодии ҳаёти имрӯза, инчунин инкишофи минбаъдаи неруи инсонӣ бо истеҳсол ва истифодаи энергия алоқамандии зич дорад. Ҳамин аст, ки он дар ҳаёти сиёсии ҷомеа нақши калидӣ мебозад. Яке аз масъалаҳое, ки аҳамияти сиёсӣ ва глобалӣ дорад, ин истифодаи самаранок ва ҳамаҷонибаи захираҳои энергетикӣ ба шумор меравад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инкишофи сиёсати энергетикии мамлакатро бибқи нақшаи стратегӣ аз ҷумла, баланд бардоштани сатҳу сифати ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, баровардани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ, ба даст овардани истиқлолияти энеогетикӣ ва саноаткуно босуръати кишвар ба роҳ мондааст. Баъди ба имзо расонидани созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ, инчунин барқарор намудани хоҷагии халқ масъалаи таъмини аҳолӣ ба қувваи барқ ба миён омад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фароҳам овардани заминаи ҳуқуқии сиёсати энергетикӣ, созишномаву қарорҳо ва санадҳои зиёди меъёрию ҳуқуқиеро, ки муносибатҳои сиёсии дохилию хориҷиро дар бар мегиранд, ба табъ расонид ва дар ин ҷода ба комёбиҳои назаррас ҳам ноил шуд. Дар сурати сохта ва ба истифода дода шудани НБО нақши Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои минтақавӣ, аз ҷумла таҳкими муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии кишварҳои Осиёи миёна ва Осиёи Ҷанубӣ нақши муасир хоҳад бозид. Ғайр аз ин беҳ шудани ваъи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, таъмини амнияти энергетикӣ ва сиёсии Тоҷикистон дар минтақа аз пурра ба кор даромадани НОБ ғ и Роғун вобастагӣ дорад. Имруз ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, таҳкими пояҳои истиқлолияти давлат ва мавқеи геополикиии тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ бевосита аз ҳалли масъалаи ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуи мазкур ва муайян намудани нақши он дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Ҳадафи диссертатсия анҷом додани таҳлили мукаммал ва форогири сиёсати энергетикӣ дар даврахои мухталифи рушди сохаи энергетикаи кишвар мебошад. Инчунин таҳқиқот муҳимияти стратегияи энегетикиро дар таъмини рушди устувор ва самараноки Тоҷикистон асоснок мекунад. Барои расидан ба ҳадафи пешгузошташуда дар таҳқиқот иҷрои вазифаҳои мушаххас пешбинӣ шудаанд.

Этимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои ҳосилшуда бо асосҳои назариявию методологӣ ва маводи эмпирикии таҳлилгардида тасдиқи худро меёбанд. Ҳамаи адабиёти илмии истифодашуда ва сарчашмаҳои иттилоотии таҳлилгардида бо мавзуи таҳқиқот алоқаманд мебошанд. Усулҳои илмии аз ҷониби муаллиф истифодашуда барои гузаронидани таҳқиқоти сиёсӣ мувофиқ мебошанд. Хулосаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаи пажуҳиши равандҳо ва механизмҳои татбиқи сиёсати энергетикии давлат ба даст омадаанд. Тавсияҳои амалии довталаб низ бо такя ба натиҷаҳои илмии таҳқиқот таҳия гадидаанд.

Нававарии илмии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки бо истифода аз усулҳои таҳлили таърихӣ, муқоисавӣ ва оморӣ ҷанбаҳои илмӣ ва назариявии сиёсати энергетикӣ мавриди тахқиқ қарор гирифта, дақиқ ва равшан муайян карда шудаанд. Нақши калидии сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳамияти он дар таъмини рушди устувори ҷомеа асоснок ва шарҳ додо шудаанд.Дар заминаи омӯзиш ва таҳлили раванди инкишофи сиёсати энергетикӣ тавсияҳо роҷеъ ба истифодаи омилҳои нави идоранамоии соҳа ва пешомадиислоҳи ин камбудиҳо пешниҳод карда шудааст. Бо назардошти вазъи имрӯзаи муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳон, рушди саноат дар раванди ҷаҳонишавӣ, шиддат гирифтани мубориза абарқудратҳо барои ноил шудан ба манфиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ ҷойгоҳи сиёсати энергетикии тоҷикистон дар миёни кишварҳои Осиёи Миёна ва Осиёи Ҷанубӣ ва арсаи ҷаҳонӣ муайян карда шудааст.

Дар таҳқиқот нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шуданд, ки онҳо дар замони муосир ҳамчун навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд.

Саҳми унвонҷӯ дар коркарду корбурди сарчашмаҳои назариявӣ, тартиб додани накшаи кори илмӣ, услуби таълиф ва масъалагузорию пешниҳодҳо, таҳияи мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо оид ба мавзӯи диссертатсия зоҳир мегардад.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Таҳқиқот ба назарияҳои дахлдори илмҳои сиёсӣ асос ёфта, заминаи назариявӣ ва амалӣ-таҷрибавиро барои таҳқиқи масъалаҳои муҳими татбиқи сиёсати энергетикӣ ва роҳу воситаҳои асосии он фароҳам овардааст. Хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии натиҷаҳо, дар асоси таҳлили илмию натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ-таҷрибавӣ пешниҳод карда мешаванд. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ

мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи 6D.КОА-079 – ихтисоси 5.6.2. – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 -уми октябри соли 2024, таҳти № 364 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти № 5\2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 4 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд инъикоси худро ёфтаанд. Ҳамчунин, 6 мақолаи дигар, ки дар маводи конференсияҳои байналмиллалӣ ба табъ расидаанд, ба дастовардҳои таҳқиқот дохил мешаванд.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Чилаев Раҳмоналӣ Собирович истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиботи додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи Чилаев Раҳмоналӣ Собирович маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

7. Банди 56-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1) Диссертатсияи Чилаев Раҳмоналӣ Собирович дар мавзуи “Сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон: равандҳо ва омилҳои татбиқи **он”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 5.6.2. - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) дар Шӯрои дессертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.
2) Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Маликов Маҳмуд Ҳакимович- доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

- Каримов Шамсиддин Турсунматович- доктори илмҳои сиёсӣ, сарходими илмии шӯъбаи ИМА ва Канадаи Институти омӯзиши

масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ.

3) 3. Ба сифати муассисаи пешбар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4) Нашри эълон оид ба ҳимояи ошкорои диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва ҷойгир намудани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи расмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ ва сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5) Чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва паҳн намудани он ба суроғаҳои дахлдор иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор,
узви вобастаи АМИТ Шоисматуллоев Ш

**Аъзоёни комиссия:**

доктори илмҳои фалсафа, дотсент Назар Мумин Абдуҷалол

доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент Шарифзода Лоҳутӣ Шариф